# НАВРӮЗ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ

«Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва ҳуҷҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд» Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ин рӯзи нахустини соли нави хуршедист. Ин рӯзро рӯзи тавлиди Офтоб мегӯянд. Дар ин рӯз шабу рӯз баробар шуда, тамоми мавҷудоти олам аз нав зинда мешавад. Ин ҷашни пуршукуҳ ҳамчун маросими куҳан инъикоскунандаи таъриху маданият, расму оинҳои суннатии халқи ориётабор эътироф шуда, аз қарнҳо то ба имрӯз таҷаллии худро аз даст надодааст. Наврӯз қадимтарин ҷашни куҳану бостонӣ ва фархундаи фарвардин буда, эҳёгари расму оин ва муждаросони ваҳдату муҳаббат, покиву садоқат ва зебоиву нафосат мебошад. Бо ҳама бузургиҳояш Наврӯз ба насли наврас ҷиҳати шинохти анъанаҳои халқӣ ва сунатҳои аҷдододӣ боис гардида, барои хештаншиносиву ташаккули ҳувияти миллии онҳо замина гузоштааст. Ба гузаштаи начандон дур назар андозем, ҷашнгирии Наврӯзро мамнуъ медонистанд. Бобову бибиҳои мо дар мушкилтарин давраҳои таърихӣ Наврӯзро чун иди зиндашавии табиат ва пиёдакунандаи орзуву ормонҳояшон ҷашн мегирифтанд. Аз ин ҷост, ки дар байни мардум ривояте мавҷуд аст, ки «Наврӯзро чи гуна пешвоз бигирӣ, тамоми сол рӯзгорат ҳамингуна хоҳад шуд». Аз ин рӯ миллати озодарӯзгори тоҷик Наврӯзро бо ҳамаи покиву арзишҳояш, орӣ аз омезишҳои фарҳангӣ ва зудудашавӣ эмин дошта тавонист. Дар замони Шӯравӣ низ, зимондорони давр ҷашнгирии Наврӯзро дар Тоҷикистон дар қатори понздаҳ давлати Иттиҳоди Шӯравӣ иҷозат намедоданд. Ба ақидаи онҳо «Наврӯз ҷашни динниву маҳзабӣ ва боиси байни мардуми дигар халқиятҳои давлати шуравӣ тафриқагузорӣ мегардад». Лекин Наврӯз аз зумраи ҷашнҳоест, ки ҳеҷ гоҳ кабои мазҳабию диниро ба бар накардааст ва ҳамчун ифодакунандаи фарҳанг ва шиносномаи мардуми тоҷик шинохта шудааст. Аз ин рӯ, миллати фарҳангсолору тамаддунсози тоҷик Наврӯзро дар ҳама давру замон ҳамчун ҷашни зиндагисоз бо тамоми муқаддасоташ истиқбол мегирифт. Солҳои бунёдкорӣ як зумра адибону донишмандон ҳукуматдорони вақтро бовар кунониданд, ки ин ҷашн барои муттаҳидӣ ва сарҷамии мардуми меҳнаткаш мусоидат мекунанд. Дар оғоз Наврӯзро ба унвони «Иди кишту кор», «Иди Бобои деҳқонон» ҷашн мегирифтанд. Аввалин маротиба ин ҷашн бо номи «Наврӯз» дар Тоҷикистон соли 1980 баргузор гардид. Гузаштан аз 7 сол, яъне соли 1987 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии (Сосиалистии) Тоҷикистон рӯзҳои 21-22 март ҳамчун рӯзи ид муайян гардид. Минбаъд дар тамоми кунҷу канори Тоҷикистон Наврӯз бо тамоми суннатҳояш ҷашн гирифта мешуд. Бо ҳамаи ин маҳдудиятҳои халқи тоҷик ин ҷашни аҷдодиро бо арзишҳои милливу оинҳои суннатияш нигоҳ дошта тавонист. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлили ҷашни Наврӯз шукӯҳу шаҳомати

хосро касб кард ва ҳамчун иди муқаддаси ниёгонамон Наврӯзи оламафрӯз, Наврӯзи ормонҳои навин сар тосари кишвар мувофиқ ба диду хоси мардуми ҳар маҳал истиқбол гирифта мешуд. Наврӯз дар вуҷуди инсонҳо эҳсоси дӯстию бародарӣ, меҳру шафқат, эҳтирому садоқат ва ҳамёрию ҳамзистиро бештар намуд. Пас аз барқарор шудани сулҳу суботи кишвар ва вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ба қалби мардуми фарҳангсолору сунатпарасти тоҷик боз шуълаи ғурур ба ҷашнҳои милливу аҷдодӣ фурӯзон гашт. Сол аз сол ҷашнгирии Наврӯз мардуми тоҷикро ба зиндагии осоишта дилбохта сохт. Халқи тоҷик Наврӯзро дар сатҳи давлатӣ бошукуҳу шаҳомати осмонқоф таҷлил мекард. Ин фазои идона ба қалби мардуми тоҷик тухми эътимод ба оёндаи дурахшонро кишт. Дар эҳё ва дубора зинда кардани Наврӯз хизмату истодагариҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст. Маҳз бо ташаббуси ин фарзона фарзанди миллат ҷашни аҷдодӣ на танҳо дар сатҳи мамлакат, балки дар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз бо шукуҳ ба таври расмӣ ҷашн гирифта мешавад. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат ҷашни Наврӯз дар рушди тамаддуни муосир замина гузошта собит сохт, ки ҷаҳони муосир ба арзишҳои олии ахлоқию тарбиявӣ ва мероси фарҳангии маърифатии Наврӯз ниёз дорад.  Боиси хушнудист, ки моҳи сентябри соли 2009 бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ассамблеяи генералии Созмони Милали Мутаҳид ҷашни Наврӯзро ба феҳристи мероси фарҳанги ниёгон шомил кард ва он ҳамчун нишони тамаддуни ҷаҳонӣ ҷашни умумимиллӣ эътироф шуд. Дар ҷаҳонишавии Наврӯз саҳми дигар кишварҳои ҳамҷавору ҳамфарҳанг Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Туркия, Қирғизистон, Ӯзбекистон басо бузург аст. Аз ин ҷост, ки 26-уми феврали соли 2010 заҳматҳои якҷояи фарзандони фарзонаи миллати тоҷику миллатҳои ҳамҷавори дигар бо қарори Асамблеяи 64-уми Созмони Милали Мутаҳҳид 21-уми мартро ҳамчун ҷашни чаҳонӣ эълон кард, ки он мояи ифтихори тамоми мардуми ҷаҳон ва тоҷикон аст. Инак 16 сол инҷониб Наврӯз ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ бо шукӯҳи шаҳомати хоса таҷлил мешавад. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷашни Наврӯзи, тавре дар оғоз қайд кардем, мақоми байналмиллалӣ касб карда, сол то сол ба ҷашни зеботару бошукӯҳтар табдил меёбад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихор мегӯянд: «Имрӯз Наврӯзи ниёгони мо на танҳо дар кишварҳои ориёӣ, балки дар кишварҳое таҷлил мешавад, ки замоне аз сарчашмаҳои мубораку абадии фарҳанги мо таҷриба гирифтаанд. Боиси хушнудист, ки тамоми мардуми Осиёи Миёна якдигарро бо ифодаи сирф тоҷикӣ: «Наврӯз муборак!» табрик мекунанд. Ин бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки миллати мо дар тӯли таърихи худ дар тараннуми баҳору Наврӯз густариши тамаддуну фарҳанг ва ифшои арзишҳои ниёгон нақши бориз дорад. Шаҳомати тавоноӣ ва воқеияти беҳамтои Иди Наврӯз дар он аст, ки онро дигар миллату халқиятҳо таҷлил мекунанд, зеро он воқеан ҷашни бузург аст. Маҳина Бобоева - мудири

шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

